# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии** 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ): банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Мубрамии мавзуи рисолаи илмӣ аз он иборат аст, ки ислоҳоти низоми миллии таҳсилот дар кишвар дар рӯҳи демократия ва инсонгароӣ тарбия намудани насли наврасро тақозо мекунад. Омӯзишу таҳқиқи ташаккули худшиносии миллии наврасон бо истифода аз аз арзишҳои миллии халқи тоҷик, яъне педагогикаи мардуми кишвар, талаб мекунад, дар навбати аввал мафҳумҳои худшиносию сермаъногии он, инчунин таъсири омилҳои этнопедагогиро дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ насли имрӯза дар шакли консептуалӣ дар асоси такя намудан ба ҷабҳаҳои фалсафӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, психологии мардумию миллӣ, педагогикаи этникии муосир, таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмӣ шарҳ диҳем ва инчунин дар заминаи баҳисобгирии талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулкардаи давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии кишвар, ки зери роҳбарии асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таҳия, қабул ва амалӣ карда шуда истодаанд, тавзеҳ диҳем.

Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар замони имрӯза мубрам буда, маҳз ба ҳалли масъалаи мазкур, ташаккули худшиносии миллӣ дар шароити

ҷаҳонишавӣ интихоб гардидааст, то ки барои шинохт, нигаҳдошт ва рушди арзишҳои миллии тоҷикон дар чунин шароит наврасону ҷавонон омода бошанд.

Дар ин росто, унвонҷӯ Ризоева Н. қайд намудааст, ки тарбияи наврасону ҷавонони муосир бояд ба ташаккул додани майл ба худтакмилдиҳӣ ва ҳадафҳои муайяни ҳаётӣдар шуури онҳо равона карда шавад ва дар интихоби роҳи ҳаёт худшиносӣ нақши арзанда дорад. Дар зери мафҳуми худшиносӣ системаи ақидаҳои инсон нисбат ба ҷомеа, табиат ва худ фаҳмида мешавад. Худшиносӣ дар раванди фаъолияти амалӣ ва идрок (донистан) ташаккул меёбад.

Баррасии ин масъала ба рушди тарбияи инсони комил, рушди некӯаҳволии он, муҳайё намудани шароити коркарди механизмҳои муассири татбиқи барномаҳои татбиқи рафтори иҷтимоӣ буда, таъсири мусбат мерасонад. Дар илми ватании педагогӣ олимони кишвар Т.Атохонов, М.Орифӣ, Р.Амиров, И.Обидов, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонов, Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигарон дар осори худ ба мероси педагогии ниёгон рӯ оварданд, ки дар онҳо масъалаҳои асосии инкишофи ақидаҳои педагогии мутаффакирони тоҷик баррасӣ шуданд.

Бинобар ин, муаллифи диссертатсия хеле ба маврид ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур истифодаи асарҳои педагогикаи халқиро дар ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди таҳқиқ қарор дода, аҳамияти назарию амалии мавзӯи рисолаи илмии "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ"-ро муайян намудааст, ки ҳанӯз мавриди таҳқиқи муназзам ва ҳамаҷонибаи педагогӣ қарор нагирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Бояд қайд кард, ки зимни тарҳрезии фарзияи таҳқиқот унвонҷӯ он нуктаро мадди назар гирифтааст, ки самаранокии раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон бо истифода аз педагогикаи халқӣ он вақт босамар мегардад, ки агар муносибати нав ба ташаккули худшиносии наврасон дар асоси арзишҳои миллӣ ва башарият таҳия ва татбиқ карда шаванд ва наврасон ба чорабиниҳои берунназтаълимӣ барои омӯзиши мероси таърихию фарҳангии халқ, меъёрҳои ахлоқии рафтор шавқманд гарданд. Барои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши амиқи таърихи халқи тоҷик, мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, дин, анъана ва оинҳои миллӣ «Барномаи

ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» таҳия гардида, дар амалия мавриди санҷиш қарор дода шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш - вазифа, мазмуни шакл ва усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон аз нуктаи назари инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муайян карда шудааст;

- самараи педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон, омӯзгорон, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки дар раванди таҳқиқот иштирок доранд, исбот шудааст.

- хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва зуҳуроти худшиносии миллии наврасон ошкор гардида, дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян карда шуданд.

- Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардид.

- ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории идҳое, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, таҳқиқ гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, илмию педагогӣ дар бораи тарбияи наврасону ҷавонон, истифодаи осори онҳо дар ташаккули худшиносии наврасон мавриди таҳлили омӯзиши амиқ қарор ёфтааст. Самаранокии таҳқиқот дар асоснокии назариявӣ ва методии барномаи педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон, шароитҳои педагогии бо ҳам алоқаманд, дар асоси принсипҳои ҳамгироии арзишҳои педагогии миллӣ ифода меёбад, ки дар давоми қарнҳо инкишоф ёфтаанд ва ташаккули худшиносии миллии насли наврасонро аз нуктаи назари инкишофи ҳаматарафаи шахсият таъмин менамоянд.

Дар ин радиф аҳамияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва

муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда амсилаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машғулиятхои беруназсинфӣ, инчунин гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули худшиносии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии мавқеъҳои асосии методологӣ таъмин карда мешавад, ки имкон медиҳанд муносибати бонизом ба ҳалли масъала ошкор карда шавад; истифодаи маҷмуи методҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба объект, предмет (мавзуъ), мақсад, фарзия ва вазифаҳои он мувофиқанд татбиқ карда шудааст; натичаҳои мусбати кори озмоишӣ, маҷмӯи коркарди миқдории маълумоти бадастомада бо таҳлили сифатии онҳо муқоиса карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи тадқиқот** бо таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада; истифодаи маҷмӯи усулҳо ва усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш; таҳияи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ», ки ба раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути омӯзиши амиқи таърихи халқи тоҷик мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, дин, анъана ва расму оин, ташкил ва баргузории ҷашнҳои миллӣ ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кардааст.

Диссертатсияи мазкур аз таҳлилҳои назариявию методологӣ ғанӣ буда, мафҳумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ хеле муфассал таҳлил карда шудаанд. Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд. Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маҷаллаи илмии Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Донишгоҳи миллӣ, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 5 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидаанд,

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули худшиносии миллии наврасон номгузорӣ гардида,** дар зербоби якум «**Заминаҳои**

**педагогӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолият дар самти тарбияи худшиносии наврасон»** таҳлил гардидаанд.

Дар таҳлилҳои худ унвонҷӯ қайд менамояд, ки таҷрибаи таърихии инсоният нишон медиҳад, ки дар ҳамаи халқу миллатҳои хурду бузурги дунё арзишҳою ғояҳои маънавӣ-ахлоқӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо ватандӯстӣ, худшиносию ифтихори миллӣ арзи вуҷуд доранд ва бо риоя ва амалӣ кардани онҳо сазовори эҳтирому шинохти ҷаҳонӣ гаштаанд. Дар бораи анъана, суннатҳои воло, арзишҳои миллии халқи тоҷик, ки дар давоми қарнҳо ба тарзи ҳаёти мо ворид шудаанд, менталитет ё маҷмуи сифатҳои онро ташкил медиҳанд сухан рафта, қайд мегардад, ки одобу рафтори шахс аз талаботи ахлоқ сарчашма гирифта, ҳамзамон бо меъёрҳои ахлоқӣ баҳо дода мешавад.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба роҳ мондани фаъолият дар самти тарбияи худшиносию ватандӯстӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки нигаришҳои хосеро дар хонандагон ташаккул медиҳанд: муҳаббат ба Ватан, муносибати ғамхорона нисбати таърихи Ватан, осори фарҳангӣ, урфу одат ва анъанаҳои халқи худ ва ғайра. Дарки раванди ҷомеа, дастгирӣ ва иштироки фаъолона дар он муҳимтарин вазифаи тарбия буда, ба инкишофи шахсият алоқаманд мебошанд.

**Дар зербоби дуюм «Педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносии наврасон»** масъалаи ташаккули тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас дар педагогикаи халқӣ таҳлил гардидааст. Дар ин маврид диссертант қайд менамояд, ки пешравии ҳар як давлати соҳибистиқлол ба анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ, ба дарки ҳар як фард аз ҳувияти миллии худ, дастовардҳои беназир ва беҳамтои фарҳангӣ, ки таърихи ин қавм, муҳити табиӣ, хусусияти геополитикӣ ва дастовардҳое ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ ба вуҷуд омадаанд, асос меёбад.

Дар адабиёти педагогӣ-равонӣ ва махсусан дар осори мутафаккирони тоҷику фору масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол мекарданд. Ин осор асосан дорои хусусияти пандомезона буда, муаллифони онҳо ҳамчун сарчашмаи маънавиёт ва ахлоқи баланд дар тамоми ҷаҳон шуҳратманд гардиданд.

**Дар зербоби сеюм «Роҳу усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик»** иброз гардидааст, ки шаклҳои ҳамкорӣ бо омӯзгорон, волидон, мутахассисони соҳаи маориф дар маҳал, коршиносон ва фаъолони ҷамъиятӣ оид ба ташаккули худшиносии наврасон аз баргузории чорабиниҳо иборат мебошад. Ташаккули тарбияи худшиносии наврасон аз заминаҳои

педагогӣ-иҷтимоӣ ва таъмину танзими ташаккули худшиносиии миллӣ тавассути адабиёти бадеию шифоҳӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти оила бо муассисаҳои таълимӣ дар ҷомеа вобастагии ногусастанӣ дорад.

**Дар боби дуюм «Мазмун ва технологияи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** омадааст, ки масъалаи таълиму тарбияи миллӣ аз ҷониби ҷомеа яке аз проблемаҳои муҳиму рӯзмарраи замони муосир ба ҳисоб рафта, паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсиро дарбар мегирад. Дар ин навъи тарбия ҷомеа, муҳити гирду атроф, муносибати рафиқон ва талаботи ҷомеа нақши муҳим доранд.

Муҳаққиқ Ризоева Н.М. дуруст қайд менамояд, ки ҷидditарин навгонӣ, ки ба синни наврасӣ хос аст, ин шаклгирии худшиносӣ мебошад. Он дар шаклҳои афзудани худмушоҳидакунӣ, худбаҳодиҳӣ, худдӯстдорӣ, майлу рағбати худтакмилдиҳӣ ва худтасдиқнамоӣ, ҳис кардани арзишмандии шахсиятӣ ва ғайраҳо зуҳур мегардад.

Муҳаққиқ муайян намудааст, ки яке аз роҳҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон ҷалби онҳо ба корҳои берунасинфӣ маҳсуб меёбад. Тадқиқот дар ин самт нишон медиҳанд, ки байни талаботи ҷомеаи муосир нисбати тафаккури миллӣ ва ватандӯстии хонандагон ва мавҷуд набудани як низом ва шарту шароитҳои муайян дар самти ташаккули худшиносии наврасон номутаносибӣ вуҷуд дорад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳоро муайян намудааст.

Маҳз дар корҳои берунасинфӣ ва мониторинги шаклҳои гуногуни кори берунасинфӣ дар мактабҳои пойгоҳӣ нишон додаанд, ки ин шакли кор барои тарбияи худшиносии хонандагон дорои имкониятҳои зиёд мебошад. Қайд гардидааст, ки танҳо мутахассиси дорои маҳорати зарурии педагогӣ дар сатҳи методикаву технологияҳои муосир ҳамеша ба натиҷаҳои мусбӣ ноил мегардад. Тавсияҳои методӣ барои директорон, омӯзгорону роҳбарони синфҳо, ташкилоти муассисавӣ, сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ниҳодҳои иҷтимоиву ҷамъиятӣ пешниҳод гардидааст.

**Дар зербоби дуюм «Корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии раванди худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** баргузории корҳои озмоишӣ, мақсад ва вазифаҳои марҳилаҳо, роҳҳо ва усулҳои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ тавсиф карда шудаанд.

Дар рисолаи илмии унвонҷӯ махсусан коркарди «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берунаэтаълимӣ» ва «Амсилаи барномаи раванди

ташаккули худшиносии миллии наврасон» пешниҳод гардида, аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намудааст.

Барои муайян кардани дараҷаи фаҳмиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар озмоиши асосӣ пурсишҳои тестӣ (санҷишӣ) ба хонандагону наврасони ҳудуди маҳалҳои мавриди таҳқиқот қарорёфта пешниҳод ва мавриди таҳлил қарор дода, натиҷаҳои ба дастомадаро ҷамъбаст намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот шаклҳои гуногуни кор бо хонандагон барои татбиқ дар амалияи таълимӣ – сайёҳат, мусобиқаҳо, бозиҳои интеллектуалӣ ва варзишӣ, намоишҳои видеоӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои виртуалӣ баррасӣ ва пешниҳод карда шуданд.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм “Ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули худшиносии миллии наврасон ва натиҷаҳои он”** дида баромада шуд.

Дар ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муҳаққиқ исбот намудааст, ки тарбияи миллии наврасон равандест, ки дар асоси истифодаи асарҳои пурарзиши педагогикаи халқӣ маърифатнокии сиёсӣ, маънавӣ ва ахлоқии ташаккул ёфта, тавассути ба роҳ мондани курсҳои омӯзишӣ, корҳои беруназсинфӣ, таъмини фаъолияти иҷтимоӣ ва иртиботӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ татбиқ мегардад.

Лозим ба таъкид аст, ки унвонҷӯ зимни ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ҳар як марҳилаи таҳқиқот нуктаҳои дар фарзия пешбинишударо оид ба ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон таҳқиқ намуд. Ҳангоми гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷиҳати дар наврасон роҳу воситаҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ коркард ва асоснок намудаст. Инчунин тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардиданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди тарбияи худшиносии наврасон бешак мусоидат хоҳад

намуд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Дар баробари дастовардхо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Муҳаққиқ дар масъалаи роҳҳои тарбияи ватандӯстона ва ташаккули ифтихори миллӣ аз ашъори адибон дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон мисолҳо оварда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва аз ҷиҳати равонӣ асоснок сохтани муҳтавои диссертатсия намунаҳои аз ашъори шоирон овардашуда нокифоя мебошанд. Агар аз ҷиҳатии ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии хонандагон низ мавзуъ амиқтар таҳқиқ мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
2. Дар боби дуюми рисола дар мавриди санҷиши озмоишӣ мебоист кор бо оиларо низ дар ташаккули худшиносии миллии наврасон (бо хонандагони синфҳои 7-9) васеътар ворид намуда, натиҷагирӣ менамуданд.
3. Дар диссертатсия роҳу усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон тибқи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берунаэтаълимӣ» шарҳу тафсир шудааст, вале мисолҳои мушаххас ба қадри кофӣ оварда нашудааст, ки дар амалия чӣ гуна онҳо татбиқ карда мешаванд.
4. Дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик”, дар ҳудуд ва микёси мавзӯи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузоштташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

**Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти

диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" " ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
саромӯзгори кафедраи таҳсилоти
томактабӣ ва кори иҷтимоии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саодати Раҳмоналӣ

28.10.2025

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 21; Тел: 988414661; E-mail: info@kgu.tj.

Имзои Саодати Раҳмоналиро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Давлатов М.А.